Муносибати интегратсионӣ ба пешбарии корхонаҳои хурд ва миёнаи Осиёи Марказӣ оиди коркарди чормағз, хушкмева ва асал

Барномаи Иттиҳоди Аврупо «Осиёи Марказӣ Инвест – II»

HILFSWERK AUSTRIA INTERNATIONAL

# Дастур оид ба содирот

## Содирот аз Тоҷикистон ба Аврупо

## Қадам ба қадам


Маргит Венделбергер

MARCOM GmbH



Апрели соли 2012

## Максад ва мазмуни маводи мазкур чист?

Дастури мазкур маводи ёрирасонест барои соҳибкорони хурду миёна аз Тоҷикистону Қирғизистон, ки ба содироти мол таваҷҷ=ҳ доранд. Ин дастур барои омода ва амалӣ намудани содирот ба Аврупо чӣ корҳоро анҷом додан лозим аст, қадам ба қадам нишон медиҳад.

Дар ин дастур барои содироти маҳсулоти кишоварзӣ, зардолуи қоқ, диққати хос дода шудааст.

Ҳангоми таҳия намудани дастури мазкур мо медонистем, ки ин як мавод наметавонад тамоми масъалаҳои бо ин мавз=ъ мармутро дар бар гирад. Бинобар он мо маълумоти доштаамонро ба шакли мухтасар нишон дода, инчунин он сарчашмаҳое, ки аз он шумо метавонед иттилооти муфассалтарро дарёфт намоед, номбар намудем.

Агар шумо ба мазмуну муҳтавои ин дастур ошно гашта, онро бодиққат мутолиа намуда, онро аз худ намоед, барои дастгирии фаъолияти содиротии шумо дастуруламали муфиде хоҳад гашт.

Шумо бояд дар назар доред, ки дастури мазкур барои омодагӣ ба содирот ва нақли ноу- хауи техникӣ нигаронида шудааст.

Инчунин шумо бояд дар назар дошта бошед, ки мумкин аст, ки бо мурури замон ба қоида ва истинодҳои дар ин дастур овардашуда тағйиротҳо ворид шаванд. Бинобар он пеш аз оғози содироти маҳсулот бо шартҳои содиротӣ ботакрор шинос шавед.

Дар охир таманнои онро дорем, ки аз мутолиаи ин дастур баҳри худ фоида бардореду дар фаъолияти содиротии худ ба муваффақиятҳо ноил гардед!

Маргит Венделбергер

Дар бораи муаллиф:

**Маргит Венделбергер** Донишгоҳи Тиҷоратии Венаро бо ихтисоси «маркетинг ва менеҷмент», пас аспирантураро дар Донишгоҳи Галлени Муқаддаси Швейсария хатм намудааст. Сипас вай таҳсили хешро дар соҳаи идоракунии тиҷорати электронӣ, дар Донишгоҳи Дунайи Кремс давом дода, дорандаи сертификати Мураббии Менеҷменти Донишгоҳи Ом=зиши Системавии Вена гардидааст.

Пас аз якчанд соли фаъолияти корӣ дар ш=ъбаи Маркетингии Байналхалқии ширкати Unilever (дар Австрия, Италия, ҷопон, Маҷористон), вай ширкати MARCOM-ро таъсис дод ва ин ширкат маслиҳатҳои муфид оиди маркетинг, асосан оиди коркард ва амалигардонии стратегияҳои маркетингӣ, консепсияҳои тиҷоратӣ ва дастгирии содирот, инчунин ом=зиш дар соҳаҳои Маркетинг ва Менеҷмент дар Аврупои Шарқӣ, Осиё ва Амрикои Ҷанубӣ пешниҳод менамояд.

Зиёда аз 20 сол аст, ки Маргит Венделбергер барои сарварони ширкатҳои Австрия ва тамоми чаҳон мушовири пурарзише гардидааст.

Ҳамчунин вай дар Донишгоҳи фанҳои амалии Вена (FHWien) оиди маркетинг ва идоракунии муносибат бо мизоҷон (CRM) дарс мег=яд. + дар донишгоҳи захираи кадрҳои олии роҳбарикунандаи Донишгоҳи менеҷмент ва идоракунӣ машғулиятҳо гузаронида, дар Донишгоҳи Дунайи Кремс оиди Стратегияҳои маркетинг дарс мег=яд.

Дастури мазкур бо дастгирии молиявии **Иттиҳоди Аврупо** дар чаҳорч=баи марҳилаи дуюми барномаи **«Осиёи Марказӣ Инвест»** таҳия ва зиёд шудааст. Масъулияти махсус оиди мундариҷаи нашрияи мазкур ба души ташкилоти Hilfswerk Austria International буда, он назари **Иттиҳоди Аврупоро** инъикос наменамояд.

Мундариҷа


1. Бозори Аврупо ....................................................................................6

1.1. Кишварҳои Иттиҳоди Аврупо (ИА) ........................................................6

1.2. Бозори Аврупо кадом хусусиятҳоро дорост? ..............................................7

1.3. Тамоюлот дар бозорҳои Аврупо чӣ гуна аст? ............................................7

1.3.1. Тамоюли иқтисодӣ ва бозор ..............................................................7

1.3.2. Тамоюлоти иҷтимоӣ ва бозор .............................................................8

1.3.3. Таъсири ин тамоюлотҳо ба маҳсулоти х=рока чӣ гуна аст? .......................8

1.3.4. Стратегияи содирот аз Тоҷикистон ба Аврупо чӣ гуна метавонад шавад? .......8

1.3.5. Истеъмолкунандагони аврупоӣ (ашхоси дар ташвиши тарзи солими ҳаёт буда) нисбати сифати маҳсулоти х=рокворӣ чӣ талабот доранд? ..............................9

1.4.Оид ба маҳсулоти худ бозорро чӣ хел таҳқиқ намоем? ...................................9

1.4.1.Ҳангоми таҳқиқи бозор ба чиҳо бояд диққат дод? ......................................10

1.4.2 Дар кадом сомонаҳои Интернет дар бораи маҳсулоти х=рка ва ҳамлу нақли онҳо иттилоот дарёфт кардан мумкин? .......................................................10

1.5. Аз маҳсулоти х=рока кадом стандартҳои сифатиро умедворанд? ..............11

1.5.1 Сатҳи баланди сифатнокӣ ....................................................................11

1.5.2. Устуворӣ ........................................................................................12

1.5.3. Стандартҳои баланди хизматрасонӣ ҳангоми дастраснамоӣ ........................12

1.6. Оё воридоти маҳсулоти х=рока қоида / маҳдудиятҳо дорад? .........................13

1.6.1. Иҷозатнома (литсензия) ба воридот .......................................................13

1.6.2. Иҷозат ба воридот ............................................................................13

1.6.3. Назорати санитарӣ ............................................................................13

1.6.4. Талабот ба маҳсулоти органикӣ ............................................................14

1.6.5. Ҳиссаи воридот (квота) ........................................................................14

1.6.6. Стандартҳои Аврупоӣ ..........................................................................15

1.6.7. Р=йхати намудҳои нодир (CITES) ..................................................................15

2. Омодагӣ ба содирот ..........................................................................................17

2.1. Қоидаҳои гумрукии ба маҳсулоти ман дахлдоштаро аз куҷо дастрас намудан мумкин? ..........................................................................................17

2.1.1. Асосҳо ..................................................................................................17

2.1.2. Рақами тарофавии маҳсулоти худро аз куҷо пайдо намоям? ..........................17

2.1.3. Чӣ гуна ман метавонам нархи боҷи воридотӣ ва маҳдудиятҳоро ба маҳсулоти худ фаҳмам? ..........................................................................................18

2.1.4. Чӣ гуна талаботҳои воридотиро нисбати маҳсулоти хеш дарёбам? ...............19

2.2. Оё воридоти маҳсулот ба Иттиҳоди Аврупо (ИА) ягон маҳдудият дорад? ...........21

2.3. Кадом қонунҳо оиди бехатарӣ ба маҳсулоти ман дахл доранд? ...........................21

2.4. Кадом маълумот оид ба маҳсулоти ман зарур аст? ..............................................21

2.5. Маҳсулотро чӣ тавр коғазпеч ва тамғазанӣ кардан лозим? ..................................22

2.6. Барои боркашонӣ кардан чӣ хел банду баст лозим? ............................................22

2.7.Барои содирот кадом ҳуҷҷатҳо заруранд? ...........................................................23

2.7.1. Ҳисобнома-фактураи тиҷоратӣ ..........................................................................23

2.7.2. Ҳуҷҷатҳои бор (ҳуҷҷатҳои нақлиётӣ) .............................................................24

2.7.3. Варақаи банду басти бор ..................................................................................25

2.7.4. Суғуртаи бор .....................................................................................................26

2.7.5. Тасдиқи макони пайдоиш ....................................................................................26

2.7.5.1. Эъломияи нархномаи гумрукӣ .......................................................................26

2.7.5.2. Формаи А ........................................................................................................27

2.7.6. Сертификати пайдоиш ........................................................................................28

2.7.7. Иҷозатнома ба воридкунӣ ..................................................................................29

2.7.8. Ариза ба тарофаи ҳиссаи воридотӣ (квота) .......................................................30

2.7.9. Ҳуҷҷат оид ба назорати ҷамъиятӣ .......................................................................30

2.7.10. Сертификатҳои тафтишотӣ (сертификати санитарӣ, ветеринарӣ, фитосанитарӣ) ..........................................................................................30

2.7.11. Сертификат дар бораи тамиз ........ 30

**3. Ҳамлу нақл аз Тоҷикистон ба Аврупо** ........ 31

**3.1. Арзиши боркашонӣ ва тозакунии гумрукӣ чанд аст?** ........ 31

**3.2. Кадом роҳҳои боркашониро ташкил кардан мумкин?** ........ 31

3.2.1. INCOTERMS чист? ........ 31

3.2.2. Кадом шартҳои INCOTERMS бештар истифода бурда мешаванд? ........ 31

**4. Тозакунии гумрукӣ** ........ 32

**4.1. Тартиби гузаронидани тозакунии гумрукӣ чӣ хел аст?** ........ 32

4.1.1. Дар куҷо ман метавонам аз тозакунии гумрукӣ гузарам? ........ 32

4.1.2. Бақайдгирӣ/ эъломияи гумрукии борро чӣ гуна гузаронидан мумкин? ........ 32

4.1.3. Боҷи гумрукӣ чӣ тавр ҳисоб карда мешавад? ........ 34

4.1.4. Бо кадом меъёр андоз аз арзиши илова (ААИ) пардохт карда мешавад? ........ 34

4.2.Тозакунии гумрукӣ чӣ қадар вақтро мегирад? ........ 35

**5. Дигар истинодҳои муфид** ........ 35

# 1. Бозори Аврупо

## 1.1. Кишварҳои Иттиҳоди Аврупо (ИА)

| Давлат | Рамзи гумрукии кишвар | Аҳолӣ, млн (2009) | Даромади дар ихтиёрдошта ба сариаҳолӣ, Евро/сол (2010) | ААИ / ААИба маҳсулоти х=рока, % (2012) |
|---|---|---|---|---|
| Иттиҳоди Апруппо | CE | 499,8 | 19 359 | |
| Австрия | AT | 8,1 | 22 896 | 20 / 10 |
| Белгия | BE | 10,8 | 21 906 | 21 / 6 |
| Булғористон | BG | 7,6 | 7 180 | 20 / 9 |
| Кипр | CY | 0,8 | 20 146 | 15 / 5 |
| Чехия | CZ | 10,5 | 13 483 | 20 / 14 |
| Дания | DK | 5,5 | 20 089 | 25 / 25 |
| Эстония | EE | 1,3 | 10 844 | 20 / 20 |
| Финляндия | FI | 5,3 | 21 305 | 23 / 13 |
| Франӣия | FR | 64,4 | 22 744 | 19,6 / 5,5 |
| Германия | DE | 82,1 | 23 592 | 19 / 7 |
| Юнон | EL | 11,3 | 17 192 | 23 / 13 |
| Маҷористон (Венгрия) | HU | 10,0 | 11 077 | 27 / 27 |
| Ирландия | IE | 4,5 | 19 668 | 23 / 0 |
| Италия | IT | 60,1 | 20 027 | 21 / 4 |
| Латвия | LV | 2,3 | 9 007 | 22 / 22 |
| Литва | LT | 3,4 | 10 836 | 21 / 21 |
| Люксембург | LU | 0,5 | N.A. | 15 / 3 |
| Малта | MT | 0,4 | N.A. | 18 / 0 |
| Нидерланд | NL | 16,5 | 21 331 | 19 / 6 |
| Лаҳистон (Полша) | PL | 38,1 | 12 118 | 23 / 5 |
| Португалия | PT | 10,6 | 16 034 | 23 / 6 |
| Руминия | RO | 21,5 | 7 799 | 24 / 24 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Словакия | SK | 5,4 | 13 550 | 20 / 20 |
| Словения | SI | 2,0 | 16 148 | 20 / 8,5 |
| Испания | ES | 45,8 | 18 907 | 18 / 4 |
| Шветсия | SE | 9,3 | 21 313 | 25 / 12 |
| Британияи Кабир | UK | 61,6 | 21 919 | 20 / 0 |

*Даромади дар ихтиёр дошта: ҳаҷми умумии даромади дар ихтиёр доштаи хоҷагиҳо, ки ба ҳампоягии (паритет) қобилияти харидории воқеии истеъмоли инфиродии хоҷагиҳо ва ба тамоми аҳолӣ тақсим шудааст.*

Сарчашмаҳо:

http://ec.europa.eu/taxation customs/resources/documents/taxation/vat/how vat works/rates/vat rates en.pdf

http:epp.eurostat/ec.europa.eu/tgm/table.do?tab-table&init-1&plugin-1&language-en&pcoade-tec00113

http://epp.eurostat.ec.europa.eu/cache/ITY_OFFPUB/KS-QA-09-031/EN/KS-QA-09-031-EN.PDF

### 1.2. Бозори Аврупо кадом хусусиятҳоро дорост?

**Калон**: 500 млн. истеъмолкунандагон бо 19359 евро ба як касс даромади миёнаи дар ихтиёр дошта.

**Гуногуншакл**: Аврупо ин на як, балки 27 бозори гуногун

- 27 миллат, ки бо 23 забон гуфтуг= мекунанд
- Маданияти ба таври назаррас фарқ кунанда
- Сатҳи миёнаи даромади дар ихтиёр доштаашон аз 7180 то 23592 евро

- **Стандартҳои баланди сифат ва таъминот**

- Рақобати шадид аз р=и м=ҳлат ва сифат (маҳсулот, коғазпеч ва ғайра)
- Рақобати зиёд дар соҳаи маҳсулоти х=рокврии Иттиҳоди Аврупо: Аврупои Шарқӣ (Венгрия ва Булғория), хусусан, Аврупои Ҷанубӣ (асосан Испания ва Италия)

### 1.3. Тамоюлот дар бозорҳои Аврупо чӣ гуна аст?

#### 1.3.1. Тамоюли иқтисодӣ ва бозор

- **Таназзули иқтисодӣ à** пастшавии қобилияти харидорӣ, баландшавии бекорӣ
- Аз р=и тамоюл, навоварӣ ва қудрати иқтисодӣ бозорҳои шимолу-ғарбӣ нисбат ба шарқию ҷанубӣ пешсафанд
- **Фардикунонӣ**: тарзи зисти фардӣ à истеъмолкунандагон мехоҳанд аз дигарон фарқ кунанд, вақти холигии зиёдтар

o **Мавҷуд набудани манфиатпарастӣ** (материализм) (ба бозорҳои шарқӣна он қадар хос аст): зиёдтар ба таҷрибаҳои нави р=ҳонӣ, маданӣ ва динӣ ҳавасманд ҳастанд

o Ғамхорӣ нисбати муҳити зист (ба бозорҳои ҷанубӣ ва шарқӣ на он қадар хос аст): маҳсулоти табиӣ (х=рока, маводи ороишӣ, маҳсулоти саноати бофандагӣ), тамғазании экологӣ ва иҷтимоӣ (молҳои «фур=ши ростқавлона»)

o Ғамхорӣ нисбати саломатӣ ва тарзи ҳаёти солим à беҳбудӣ, саломатӣ ва х=роки органикӣ

o Истеъмолкунандагон маълумоти кофӣ доранд (тавассути интернет) ва бо назари танқид нигоҳ мекунанд

1.3.2. **Тамоюлоти иҷтимоӣ ва бозор**

o **Ҷамъияти пиршудаистода**: дар Аврупои Шимолу Шарқӣ қобилияти харидкунанда зиёдтар мебошад; дар Аврупои Шарқӣ нафақа кам

o **Хоҷагиҳои хурд**:

- o Хоҷагиҳои зиёде ҳастанд, ки аз 1 ё 2 нафар иборатанд
- o Ҷавонон хеле барвақт хонаи волидайнро тарк мекунанд
- o Мардум дар алоҳидагӣ зиёдтар зиндагонӣ мекунанд
- o Фарзандони кам
- o Пиронсолон умри дароз мебинанд, аммо аз фарзандон алоҳида ҳастанд

o **Ҷамъиятҳои бисёрмаданията**: бохабар будан аз маданиятҳои зиёд барои молҳои х=рока/мавз=ъҳои пайдоиши этники дошта ва ҳаваси саёҳат ба ҷойҳои аҷоиб имконияти бозорҳоро фарохтар мегардонад

1.3.3. **Таъсири ин тамоюлотҳо ба маҳсулоти х=рока чӣ гуна аст?**

o **Таназзули иқтисодӣ à** кам гаштани хариди яклухт, асосан, харид кардан барои худ ва хонаводаи худ, камтар ташриф овардан ба тарабхонаҳо, зиёдтар дар хона х=рок омода кардан

o **Фардикунонӣ à** дар соҳаи тандурустӣ талабот ба маҳсулоти бемислу ягона (х=рока…) ва ҷойҳои алоҳида ҳангоми сафар (омодаи истеъмоли х=рокҳо аз кишварҳои «афсонавӣ»)

o **Мавҷуд набудани манфиатпарастӣ à** кам будани ашёҳои бокарруфар, бештар, дар асоси таҷрибаҳои анд=хта харидани ашё

o **Ғамхорӣ нисбати табиат à** хизматрасонӣ ва маҳс=лоти табиӣ, тамғазании экологӣ/иҷтимоӣ

o **Ҷамъияти пиршудаистода à** маҳсулоти сифатнокиашон ниҳоят баланд ва маблағ барои хариди ғизои солим

o **Хоҷагиҳои хурд à** зиёдтар аз бозор, аммо кам-кам (коғазпечҳои хурд…)

o **Ҷамъиятҳои бисёрмаданията à** бозорҳои бисёртар ҷузъ-ҷузъ шуда, ки барои маҳсулоти наву ғайри оддӣ кушодааст, масалан, барои х=роккаҳои Осиёӣ (бинобар мақбулияти зиёд доштани тибби анъанавии Хитой).

1.3.4. **Стратегияи содирот аз Тоҷикистон ба Аврупо чӣ гуна метавонад шавад?**

Ба содироти мол ва хизматрасонӣ аз Тоҷикистон ва Қирғизистон се нуқтаи назари стратегӣ мавҷуд аст:

1. **Маҳсулот бо пешниҳоди хариду фур=ши савдои бемисл**: молҳои беҳамто ва хизматрасонии бо сифати баландтарин. Ин маҳсулотҳо метавонанд аз ҷузъҳои

таркибии анъанавии тоҷикию қирғизӣ, тарзи зисти омехта бо тарзи зисти ғарбӣ, мураттаб шуда бошанд (аммо ин зарурият надорад)

2. **Маҳсулоти анъанавии тоҷикӣ ва қирғизии босифат**, ки ба харидорони ғарбӣ эҳсоси Осиёро фароҳам меоранд, ба хусус, маҳсулоти ғизои солимро пешниҳод менамояд.

3. **Маҳсулоти шабеҳ (аналогӣ)**: маҳсулоте, ки аз тарафи таъминкунандагони зиёде, аз ҷумла, рақибони байналхалқӣ (масалан Туркия), пешниҳод мешавад, аммо дорои хизматрасони махсус нест ё таркиби махсус надорад.

Ду категорияи аввали гуфташуда дар бозорҳои Аврупо имконияти хубе дарёфта метавонанд. Аммо маҳсулотҳои шабеҳ (аналогӣ) бо нархи ниҳоят паст ба фур=ш мераванд. Зеро аз р=и ин маҳсулотҳо дар дохили Иттиҳоди Аврупо (ИА минтақаи гумрукии озод), инчунин аз тарафи Туркия ва дигар кишварҳои Осиё рақобати шадиде мавҷуд аст.

1.3.5. **Истеъмолкунандагони аврупоӣ (ашхоси дар ташвиши тарзи солими ҳаёт буда) нисбати сифати маҳсулоти х=рокворӣ чӣ талабот доранд?**

- **Сифати баланди мол ва хизматрасонӣ**
- **Сифати болои бандубаст**: масолеҳ, ороиш, маркетинг
- **Маълумоти муфассал** оид ба таркиб ва афзалияти маҳсулот
- **Ҷузъҳое, ки барои бунёди боварӣ лозиманд**: таҷриба, натиҷаи санҷишҳо, ороиш, имидҷ…

Масалан, тамғагузории сифати маҳсулот:

«Сифати сертификатсиякунонида аз Австрия» «Х=роки хуб рост аз фермаҳо»

Масалан, тамғагузорӣ ба маҳсулоти органикии сертификат кунонидашуда:

- **табиӣ**: таркиб, намуд, эҳсосот
- **тамғагузории экологӣ ва иҷтимоӣ**: нишон додани бехатарии экологӣ ҳангоми кишт ва истеҳсол, нигоҳ доштани стандартҳои иҷтимоӣ (муқобили меҳнати к=дак.)

## 1.4. Оид ба маҳсулоти худ бозорро чӣ хел таҳқиқ намоем?

Роҳи осонтарин ва пурсамартарини таҳқиқи бозор тавассути интернет ва бо василаи ом=зиши каталогҳо, рисолаҳо ва маҷаллаҳо.

### 1.4.1. Ҳангоми таҳқиқи бозор ба чиҳо бояд диққат дод?

- **Маҳсулот**: кадом намуди мол ва хизматрасониҳо дар бозор ҳастанд ва мавриди талабот қарор доранд?
- **Тавсифот**: хусусиятҳои асосии маҳсулоти х=рока чӣ хеланд?
- **Сатҳи нархҳо**: Кадом сатҳи нархҳо ҳастанд? Кадом нархро умедворед?
- **Тамоюлот**: Кадом тамоюлот мавҷуд аст? Тағйироти назарраси тамоюлот дида мешавад ё не?
- **Рақобат дар бозор**: рақибон чиҳо пешниҳод мекунанд? Нақши асосиро дар бозор кӣ мебозад?
- **Паҳнкунӣ**: маҳсулоти х=рока дар куҷоҳо паҳн карда мешаванд?
- **Қоидаҳои воридотӣ**/ маҳдудиятҳо

### 1.4.2 Дар кадом сомонаҳои Интернет дар бораи маҳсулоти х=рока ва ҳамлу нақли он иттилоот дарёфт кардан мумкин?

Маҷаллаҳои муҳимтарин оиди тиҷорату савдо:

- CASH Das Handelsblatt: www.cash.at




№4 / 2012: Мавз=и шумора – харидкунии этникӣ

- Regal: www.regal.at



№2 / 2012: мавз=и шумора – стратегияи тиҷоратии силсилаи супермаркетҳои Rewe

o Rundschau für den Lebensmittelhandel: www.rundschau.de




№5 / 2012 мавз=и шумора: бехатарии маҳсулоти х=рока

## 1.5. Аз маҳсулоти х=рока кадом стандартҳои сифатиро умедворанд?

### 1.5.1 Сатҳи баланди сифатнокӣ

Маҳсулоте, ки ба бозорҳои Аврупо пешниҳод мешаванд, бояд бо **сифати баланд** ва **бандубасти хуб пешкаш карда шавад**, ҳатто маҳсулоти оддитарин, дар акси ҳол онро касе харидорӣ намекунад.

Маҳсулоти босифати х=рока, вобаста аз мақбулияти сифати маҳсулот ва бандубасти он, зери таъсири **идроки эҳсосот** харидорӣ карда мешавад. Инчунин ин барои **тақвият додани боварӣ** ба маҳсулот ва бренд к=мак мекунад.Сертификат бошад, барои ба боварӣ даромадан ба таври иловагӣ к=мак менамояд.

Стратегияи бренд: Расмҳои баландсифати маҳсулот дар р=и қоғазпечи баландсифат






Маҳсулоти табии холис: бе ягон хел иловагиҳо, бе олтинг….







Истеъмолунандагон таёранд маҳсулоти **баландсифат шуморидашуда** ва **маҳсулоти бемислро** бо нархи гаронтар харидорӣ намоянд. Вагарна маҳсулоти шумо чун як моли оддӣ, ки ба нархи гарон намеарзанд, пазируфта мешавад.

Бояд дар назар доред, ки **мақбулияти сифатнокии истеъмолкунандагони Аврупоӣ** аз стандартҳои Тоҷикистону Қирғизистон метавонад **тафовути куллӣ** дошта бошад.

1.5.2. **Устуворӣ**

Стандарти **сифатнокиро** дар **сатҳи баланд усувор** нигоҳ доштан ниҳоят муҳим аст. Дар акси ҳол, касе маҳсулоти шуморо **бори дуввум** харидорӣ нахоҳад кард.

Бинобар он мутассадиёни харидорикунанда **моли** шуморо танҳо он вақт харидорӣ мекунанд, ки он ба сатҳи пурраи сифатнокии аҳдшуда ҷавобг= бошад.

Агар сифати мол аз назардошти **шахси мутасаддӣ** пастар бошад, вай аз **харидани** он даст кашида, тамоми молро **аз ҳисоби шахси истеҳсолкунанда**, бармегардонад. Умеди **гуфтушунид оид ба пасттар кардани нарх** ё **қисман қабул кардани молро накунед**. Дар ин вазъият дар бораи бастани шартномаи такрорӣ ҳоҷати гап ҳам нест.

1.5.3. **Стандартҳои баланди хизматрасонӣ ҳангоми дастраснамоӣ**

Хизмати дастраснамои маънои онро дорад, ки маҳсулоти фармоишдода **саривақт** дастрас карда шавад. Аз баски дар Аврупо нархи амборкунии мол хеле гарон аст, дистрибютерҳо ва мағозаҳо к=шиш менамоянд, ки дар анборашон ҳар чӣ камтар мол дошта бошанд. Бинобар он **риояи шарту шароити саривақт дастрас намудани мол** барои онҳо ниҳоят муҳим аст.

## 1.6. Оё воридоти маҳсулоти х=рока қоида / маҳдудиятҳо дорад?

Бештари маҳдудиятҳои воридотӣ ба молҳое таалуқ доранд, ки бо сабабҳои бехатарии аҳолӣ ва ҳифзи саломатӣ, ё вобаста ба таҳдиди паҳншавии бемории ҳайвоноту растанӣ, ба худ диққати махсусро талаб менамоянд (маҳсулоти х=рока ва тиббӣ).

### 1.6.1. Иҷозатнома (литсензия) ба воридот

Зарурияти гирифтани иҷозатнома ба воридотро Иттиҳоди Аврупо (ИА) ё ҳукумати маҳаллӣ муайян мекунад. Зери маҳдудият молҳои ба монанди доруворӣ, витаминҳо, доруворихои ҳомеопатӣ, ҳайвоноти зинда, маҳсулоти аз ҳайвонот истеҳсолшуда, растаниҳо ва масолеҳи растанигӣ, сару либос ва молҳои саноати бофандагӣ, масолеҳи хоҷагии кишоварзӣ ва маҳсулоти х=рока, қарор доранд.

Ин қоидаҳо нисбати баъзе молҳои аз Тоҷикистон ва Қирғизистон содиршаванда низ ҷорӣ карда мебошанд. Барои содироти моли шумо иҷозатнома лозим ё не метавонед аз қисми 2.1.4. аниқ намоед.

### 1.6.2. Иҷозат ба воридот

Доруворихо танҳо аз ҷониби шахсони ба истеҳсол ва фур=ши доруҳо иҷозат дошта ворид шуданашон мумкин аст. Инчунин барои ворид сохтани баъзе ҳайвоноти зинда ё маҳсулоти ҷудогонаи аз ҳайвонот тайёршуда (ғайри х=рока) иҷозат лозим аст.

### 1.6.3. Назорати санитарӣ

Аксари маҳсулоти асоси ҳайвонотӣ ва ғайриҳайвонотӣ доштаи аз кишварҳои ба Иттиҳоди Аврупо (ИА) шомил набуда воридшаванда, ҳангоми воридкунӣ ба Иттиҳоди Аврупо бояд тавассути Дидбонгоҳи Назорати Сарҳадӣ бо иҷозати нозири расмии ветеринарӣ ворид гарданд.

Аз р=и ҳар як гур=ҳи мол чунин тафтишот гузаронида мешавад:

- Тафтиши ҳуҷҷатҳо
- Тафтиши мувофиқати мол бо ҳуҷҷатҳо
- Агар лозим ояд, тафтишоти ҷисмонӣ

Маҳсулоти х=рокаи асли ғайриҳайвонотӣ доштаро (масалан, меваҳо) бояд сертификати аз ҷониби мақомоти кишвари содиркунанда додашуда, ҳамроҳӣ намояд.

Ин Ҳуҷҷатҳо пеш аз ҳама барои тафтишоти дар маҳсулот мавҷуд будани омилҳои зайл лозиманд:

- Микроорганизмҳо, ба монанди, микробҳои ч=бчашакл, салмонелла, листерия ва ғайра;
- Омехтаҳои зараровар, амсоли диоксин, афлатоксин, кадмий, сурб, симоб ва моддаҳои радиоактивӣ;
- Боқимондаҳои пестисидҳо
- Иловагиҳои сунъии ғизоӣ ва хушб=йкунандаҳо;
- Гигиенаи растаниҳо

Иттилооти иловагиро оиди маҳсулоти асли ғайриҳайвонотӣ доштаро аз нишонаи зер метавонед ёбед:
http://exporthelp.europa.eu/update/requirements/ehir_eu11_01v001/eu/auxi/eu_heanahc_legislation.pdf

Низомномаи Иттиҳоди Аврупо (ИА) 1881/2006 дараҷаи баландтарини ифлоскунандаҳоро дар маҳсулоти х=рокие, ки дар бозорҳои Иттиҳоди Аврупо ҳастанд, муқаррар сохтааст. http://eur-lex.europa.eu/LexUriServ/LexUriServ.do?uri=CONSLEG:2006R1881:20100701:EN:PDF

### 1.6.4. **Талабот ба маҳсулоти органикӣ**

Бозори маҳсулоти органикии Австрия хеле мароқангез мебошад.

Гардиши умумии маҳсулоти органикӣ дар Австрия дар соли 2010: 1,124 млрд евро

67,5% -мағозаи озуқаворӣ

13,6%- мағозаҳои махсусгардонидашуда (биомағозаҳо)

6,8%- фур=ши бевосита аз фермаҳо

6,8%- содирот (асосан ба Олмон)

5,3%- тарабхонаҳо




Нисбат ба маҳсулоти органикӣ талаботи ниҳоят ҷиддӣ гузошта шудааст. Маълумотро оиди ин талабот метавонед аз нишонаи зерин пайдо намоед:

http://exporthelp.europa.eu/thdapp/taxes/show2Files.htm?dir=/requirements&reporterId1=EU&file1=ehir_eu12_01v001/eu/main/req_sporgan_eu_010_0612.htm&reporterLabel1=EU&reporterId2=AT&file2=ehir_at12_01v001/at/main/req_sporgan_at_010_0612.htm&reporterLabel2=Austria&label=Voluntary+-+Products+from+organic+production&languageId=en&status=PROD

### 1.6.5. **Ҳиссаи воридот (квота)**

Ҳадд (контингент)(ҳаҷм аз р=и шумора)

Ба бархе аз маҳсулотҳои дар кишварҳои муайян истеҳсолшуда меъёри (лимит) содирот ба Иттиҳоди Аврупо муқаррар шудааст. Ин гур=ҳҳо чунин маҳсулотро дар бар мегиранд:

- o бархе аз маҳсулоти кишоварзӣ (масалан, чой);
- o маҳсулоти саноати бофандагӣ
- o бозичаҳо ва ғ.

o Чӣ хел фаҳмидан мумкин аст, ки ба моли ман квота ҳаст ё не? Инро аз р=и рақами тарофавии мол муайян кардан мумкин. Ниг. ба боби 2.1.3.

**Квотаи тарофавӣ**

Ба баъзе аз маҳсулот, ба миқдори муайяни он, паст кардани боҷпулии воридотӣ муқаррар карда шудааст. Ин маҳдудкунӣ шакли квотаи тарофавиро мегирад. Квотаҳои тарофавӣ ба маҳсулоти аслашон муайян ё аслашон гуногун, дар чорч=баи муқаррарот оид ба тарофаҳои имтиёзнок истифода мешаванд.

1.6.6. **Стандартҳои Аврупоӣ**

Стандартҳои умумиаврупоие мавҷуданд, ки ба ҳамаи кишварҳои - аъзоёни Иттиҳоди Аврупо ҷорӣ ҳастанд. Ғайр аз ин метавонанд қоидаҳои муайяни миллӣ мавҷуд бошанд. Маълумоти муфассалро аз ҷадвали «Талаботҳо» -и қисми 2.1.4. метавонед ёбед.

Стандартҳо оид ба омилҳои зерин вуҷуд доранд:

- Маркетинг, коғазпеч кардан, тамғазанӣ, бехатарии маҳсулот…
- Масалан, маҳсулоти х=рокворӣ, масулоти саноати бофандагӣ, асбобҳои барқӣ (фур=зонакҳо, бозичаҳо ва ғайра)

Ин ҷо стандартҳои муҳимтарин қайд шудаанд, аммо барои ҳар як номг=и маҳсулот бояд ҷой доштани стандартҳои маҳалливу аврупоиро тафтиш карда шавад. Маълумот дар бораи коғазпеч ва тамғазании маҳсулоти х=рока ва ғайрих=рока дар нишонаи зер пайдо кардан мумкин:

http://europa.eu/legislation_summaries/consumers/product_labelling_and_packaging/index_en.htm

Маълумот дар бораи қоидаҳои тамғазании маҳсулоти хурокаро аз сомонаи зерин пайдо карда метавонед:

http://ec.europa.eu/food/food/labellingnutrition/foodlabelling/proposed_legislation_en.htm

Маълумот дар бораи тамғазании маҳсулоти барқии Иттиҳоди Аврупоро аз нишонаи зерин пайдо кардан мумкин:

http://www.ce-marking.org/what-product.html

Аксари зиёди маҳсулот бояд ба стандартҳои ягонаи Иттиҳоди Аврупо ҷавобг= бошанд. Маълумоти иловагӣ:

http://ec.europa.eu/enterprise/newapproach/standardization/harmstds/reflist.html

Қонун дар бораи амнияти маҳсулот аз ҷузъҳои моддаҳои заҳрдоркунанда ҷорӣ аст ба:

- Маҳсулоти х=рокворӣ
- Маҳсулоте, ки алоқаи бевосита бо инсон ва тани онҳо дорад
- Бозичаҳо

Ворид сохтани маҳсулоте, ки дар таркибашон симоб, ПХБ (полихлорбифенил), ХФК (хлорфторкарбогидрат), ГХФК (гидрохлорфторкарбогидрат), инчунин маҳсулоте, ки он бо кадмий р=йп=ш шудааст, маҳсулоти дар таркибашон м=ътадилкунанда ё рангдиҳандаҳо ҳастанд, манъ карда шудааст.

1.6.7. **Р=йхати намудҳои нодир** (CITES)

- Мутобиқи Созишномаи Вашингтон (CITES) намудҳои ҳайвонот ва растаниҳои нобудшудаистода, маҳсулот ё маҳсулоте, ки дар таркибашон моддаҳои аз намудҳои зери ҳимоя буда ҳастанд ба р=йихати намудҳои нодир ҷори шудаанд;
- Маҳсулоти алоҳидае аз Тоҷикистон ва Қирғизистон, ки дар таркибашон растаниҳои дар ин р=йхат буда ҳастанд (масалан, чой…), низ ворид сохтан ба

Аврупо **манъ** аст; Масалан чидани эделвейс дар Швейсария, Олмон ва Австрия мамн=ъ аст;

- Р=йхати пурраи ҳайвонот ва растаниҳоро бо номи лотиниашон дар сомонаи www.cites.org тасвир ва расми онҳоро дар http:cites.org/gallery/spesies/index.html пайдо кардан мумкин.
- Агар дар таркиби маҳсулоти шумо растаниҳои дар р=йхат набуда истифода шуда бошанд, ҳангоми содирот дар изҳороти гумрукӣ, барои бе мамониат гузаштан, номи лотинии онро ишора намоед.

# 2. Омодагӣ ба содирот

## 2.1. Қоидаҳои гумрукии ба маҳсулоти ман дахл доштаро аз куҷо дастрас намудан мумкин?

### 2.1.1. Асосҳо

- Ҳар як маҳсулоте, ки барои воридот ба Иттиҳоди Аврупо пешбинӣ шудааст, бояд ба категорияи муайяни ба он дахлдошта ҷудо карда шавад (вобаста аз намуди маҳсулот ва маводҳои истифодашуда) ба он **рақами тарофавӣ** гузошта шавад;
- Мувофиқи рақами тарофавӣ ҳаҷми муайяни боҷпулии тарофавӣ ва ҳуҷҷатҳои лозимаро ба ҳисоб мегиранд;
- Рақами тарофавӣ, боҷпули ва ҳуҷҷатҳои барои изҳороти гумрукӣ зарури дар тамоми кишварҳои Иттиҳоди Аврупо як хела мебошанд;
- Маълумоти пурраторро оиди қоидахои гумрукии Иттиҳоди Аврупо дар сомонаи http://www.exporthelp.europa.eu/thdapplindexru.html ёфтан мумкин.

### 2.1.2. **Рақами тарофавии маҳсулоти худро аз куҷо пайдо намоям?**

- Ҳар як **рақами тарофавӣ** аз 10 адад иборат аст
- Барои фаҳмидани рақами тарофавии маҳсулот, аз системаи TARIC (системаи аврупои кодҳои гумрукӣ) истифода баред нишонаи:
  http://exporthelp.europa.eu/thdapp/display.htm?page=it%2fit_ImportTariffs.html&docType=main&languageId=ru&status=PROD
- Метавонад ҷустуҷу намоед:
  1. Аз р=и тасвири маҳсулот
  2. Аз р=и рамз (код) - агар шумо як қисми рақами тарофавиро донед (масалан, шумо коди ин гур=ҳро медонед)
- Агар дар таркиби маҳсулот зиёда аз як мавод бошад (таркиб ёфта бошад), рамзи (коди) он аз р=и маводи асосӣ муайян карда мешавад
- Масалан, коди зардолуи қоқ: 0813100000




Агар шумо рақами тарофавиро надонед, амалҳои зерро иҷро кунед:

Қадами 1: номи маҳсулотро дароред: "зардолу"

http://exporthelp.europa.eu/thdapp/nomenclature/NomenclatureServlet?action=FTSform&section=taxes&languageId=ru&simDate=20120401




Қадами 2: ба тасвири муфассали маҳсулот гузаред ва маҳсулоти ба шумо даркориро интихоб намоед:

0813 хушкмеваҳо
081310 зардолуҳо
0813100000 аз баски тасвири муфассал надоред бо сифрҳо пурра намоед.




2.1.3. **Чӣ гуна ман метавонам нархи боҷи воридотӣ ва маҳдудиятҳоро ба маҳсулоти худ фаҳмам**?

Рақами тарофавӣ ва кишвари истеҳсолкунандаро дар саҳифаи зерин ворид намоед:

http://exporthelp.europa.eu/thdapp/display.htm?page=it%2fit_ImportTariffs.html&docType=main&languageId=ru&status=PROD




Тарофа ба воридот инъикос мегардад:




- Боҷи гумрукӣ: 5,6 %
- Боҷпули бо имтиёзҳо: 2,1% бо формаи А

2.1.4. **Чӣ гуна талаботҳои воридотиро нисбати маҳсулоти хеш дарёбам?**

Рақами тарофавӣ, кишвари истеҳсолкунанда ва кишвари таъиншударо дар саҳфаи зерин ворид намоед:

http://exporthelp.europa.eu/thdapp/display.htm;jsessionid=E5B03387141F7FC9C9FCFC3C310A7A06?page=rt%2frt_RequirementsAndTaxes.html&docType=main&languageId=ru

EXPORT HELPDESK

О нас | Требования и налоги | Пошлины на импорт | Преференциальные договоренности | Статистика торговли | Ссылки

- Введение
- Обзор
- Общие требования
- Специальные требования
- Форма для ввода данных
- Руководство пользователя
- Часто задаваемые вопросы

**Требования и налоги**

## СПЕЦИАЛЬНЫЕ ТРЕБОВАНИЯ

### ФОРМА ДЛЯ ВВОДА ДАННЫХ

| | |
|---|---|
| **Выберите код изделия** (8-разрядный) | 08131000 Обзор **или** Поиск. |
| **Выберите страну происхождения** | Таджикистан |
| **Выберите страну назначения** | Австрия |
| | Просмотр |

### ПЕРЕЧЕНЬ ТРЕБОВАНИЙ

| | |
|---|---|
| Код изделия | 08131000 |
| Страна происхождения | Таджикистан |
| Страна назначения | Австрия |

| Код | Описание изделия |
|---|---|
| 08 | СЪЕДОБНЫЕ ФРУКТЫ И ОРЕХИ; КОЖУРА ЦИТРУСОВЫХ ПЛОДОВ ИЛИ КОРКИ ДЫНЬ |
| 0813 | Фрукты сушеные, кроме плодов товарных позиций 0801 - 0806; смеси орехов или сушеных плодов данной группы: |
| 0813 10 | **-абрикосы** |

**Специальные требования к 08131000**

| | |
|---|---|
| Контроль загрязняющих веществ в продуктах питания | EU/ AT |
| Санитарный контроль остаточных пестицидов в растениях и продуктах животного происхождения, предназначенных для потребления человеком | EU/ AT |
| Санитарный контроль продуктов питания неживотного происхождения | EU/ AT |
| Маркировка для продуктов питания | EU/ AT |
| Фитосанитарный контроль | EU/ AT |
| Продукция органического сельскохозяйственного производства | EU/ AT |

**Внутреннее налогообложение**

| НДС | Акцизный сбор |
|---|---|
| 10% | - |
| Дата последнего изменения (дд/мм/гггг): 01/04/2012 | Дата последнего изменения (дд/мм/гггг): 01/04/2012 |

Освобождение от ответственности.
Информация, содержащаяся в настоящей базе данных, не должна рассматриваться в качестве официального источника ни со стороны Европейской Комиссии, ни со стороны администраций стран-членов. При составлении информации, содержащейся в настоящей базе данных, были предприняты все меры для обеспечения ее точности, однако ни Европейская Комиссия, ни организации, предоставившие данные, не несут ответственности за непреднамеренные ошибки или упущения. Косвенные налоговые ставки и налоговые льготы устанавливаются законодательством стран-членов, таким образом, абсолютная точность информации может быть гарантирована только после ознакомления с их официальными источниками. Продолжая пользоваться сайтом и просматривая данные, вы соглашаетесь с этими условиями.

**Обзор**

| | | | |
|---|---|---|---|
| Обзор процедур импорта | AT | НДС | AT |
| | | Прочие | AT |

Барои зардолуи қоқ чунин ҳуҷҷатҳо лозиманд:

- Назорати моддаҳои зараровар
- Назорати  пестисидҳои боқимонда дар растаниҳо
- Назорати санитарӣ
- Тамғазанӣ барои маҳсулоти хуроквcovорӣ
- Назорати фитосанитарӣ
- Дар ҳолати маҳсулоти органикӣ будан: сертификат

Ғайр аз ин талаботи воридотии махсуси Австрияро дидан зарур аст (тугмачаи AT дар қатори «обзор проседур импорта»).

Дар ин ҷо қоидаҳои вобаста ба коғазпечкунӣ, тамғазанӣ ва ғайра, инчунин истинодҳо бо маълумоти муфассалтар оварда шудаанд.

Боз дар ин саҳифа маълумот оиди андоз дар Австрия оварда шудааст: арзиши андоз аз арзиши илова (ААИ) 10%- ро ташкил медиҳад.

Дар назди ҳуҷҷатҳои лозимаатон тугмачаи EU/ AT- ро пахш карда, шумо метавонед шарҳи пурраи қоидаҳои умумии Иттиҳои Аврупо ва қоидаҳои махсуси Австрияро пайдо кунед.

## 2.2. **Оё воридоти маҳсулот ба Иттиҳоди Аврупо (ИА) ягон маҳдудият дорад**?

- Иҷозат ба воридот: батафсил дар боби 1.6.2.
- Квотаҳо: батафсил дар боби 1.6.5.

## 2.3. **Кадом қонунҳо оиди бехатарӣ ба маҳсулоти ман дахл доранд**?

- **Қонун дар бораи кафолат дар ИА**
  - **2 сол** барои истеҳсолкунанда
  - Дар матни Эъломия Аврупо омадааст: Аз р=зи овардани мол ва дар давоми 2 сол, агар истеъмолкунанда нуқсон дарёбад, ба шарте, ки ҳангоми фур=хтан дар мол нуқсон набуд ё ба истеъмолкунанда яқин набуд, чавобгарӣ ба миён меояд. Ҳар як нуқсоне, ки дар давоми 6 моҳ, аз р=зи овардани мол маълум мегардад, агар акси он исбот нашавад ё он нуқсон бо хусусияти мол ё нуқсони дар он буда мувофиқат накунад, мол нуқсондор ба ҳисоб меравад.
  - **Қонунгузорӣ оиди маҳсулоти х=рокворӣ**, **тиббӣ ва доруворӣ-** батафсил дар боби 1.6.3. (назорати санитарӣ) ва 1.6.6. (стандартҳои аврупо)
  - **Маҳсулоте**, **ки бо х=рок ва п=ст алоқаи бевосита доранд** – батафсил дар боби 1.6.6.

## 2.4. **Кадом маълумот оид ба маҳсулоти ман зарур аст**?

**Талаботи қонунгузорӣ** ва инчунин **талаботи харидор** мавҷуд аст.

Одатан дар бораи маҳсулот маълумоти зерин нишон дода мешаванд:

- Ҷузъҳои (ингридиент) истифодашуда

- o Дастур оиди истифода
- o «Дар … истеҳсол шудааст»
- o Истеҳсолкунанда
- o Штрих-код

Вобаста аз категорияи маҳсулот, шакли мағоза ва кишвар, талаботҳо метавонанд тағйир ёбанд. Барои маҳсулоти **шумо** кадом маълумот лозим аст - **харидори шумо** мег=яд.

2.5. **Маҳсулотро чӣ тавр коғазпеч ва тамғазанӣ кардан лозим**?

- o **Коғазпечкунии маҳсулот**:
  - o Барои эътибори харидор ва мақбулияти сифати маҳсулот ороиши коғазпечи он ниҳоят муҳим аст;
  - o Намуд ва маводи коғазпечиро дар мувофиқа бо харидор интихоб кардан лозим;
- o **Тамғазанӣ**
  - o Тамғазании маҳсулоти чакана бояд бо забони кишвари фур=ша иҷро шавад (мутобиқи қонун дар бораи истеъмолкунанда);
- o **Тамғазании экологӣ**
  - o Харидорон дар Аврупо дар ташвиши ҳимояи муҳити зист мебошанд;
  - o Бинобар он тамғазании экологӣ боз як ҷиҳати мусбӣ буда метавонад.
  - o Намунаи тамғазании экологии инфиродӣ «маҳсулоти органикӣ», «аз ҷиҳати экологӣ тоза», «заминро ҳифз мекунад» «пурра табиӣ» ва ғайра.
- o **Тамғазании экологии Иттиҳоди Аврупо** (логотип бо расми гул) ин рамзро ихтиёрӣ дар коғазпеч гузоштан мумкин, агар ҳамаи меъёрҳои ҷой додани он риоя шуда бошад, http://ec.europa.eu/environment/ecolabel/index_en.htm
- o **Тамғазании иҷтимоӣ**
  - Масалан, тамғаи «савдои ростқавлона» www.fairtrade.at/ueber-fairtrade/kontrolle-und-zertifizierung/
  - Ба гур=ҳи маҳдуди мақсаднок нигаронида шудааст;
    - Ҳаҷми калони кор бо коғаз ва аудитро талаб мекунад.

2.6. **Барои боркашонӣ кардан чӣ хел банду баст лозим**?

- o **Коғазпечи нақлиётиро** мувофиқат кунонидан лозим бо:
  - o **Харидор**
  - o **Ширкати нақлиётӣ**
- o Ба чӣ бояд диққат дод?
  - o **Андоза**
    - § Кадом андозаҳои стандартӣ мавҷуданд?
    - § Барои ба зарфи махсуси боркашонӣ ҷой кардани мол, кадом андоза зарур аст?
    - § Барои ҳарчи самаранок бор кардани мол кадом андозаҳо заруранд?
- o **Маводҳои** истифодашаванда:
  - § Маводи бадошт, барои эмин доштан аз шикаст ё вайрон нашудан?
  - § Агар ч=б бошад, тамиз (окуривание) кардан лозим ё не?
  - § Вазни коғазпеч: хусусан ҳангоми нақл тавассути ҳавопаймо муҳим аст (масалан, барои фиристонани намунаҳо ё дастраскунии фаврӣ)
- o Маълумоти сабткардашаванда
  - § Дар коғазпеч кадом маълумот бояд нишон дода шаванд?
  - § Одатан:

- Хел, навъи маҳсулот, масалан, «Зардолуи қоқ»
- Навъи мол
- Шумораи коғазпеч, масалан, «12 дона дар халтача, 8 халтача дар як қуттӣ»

## 2.7.Барои содирот кадом ҳуҷҷатҳо заруранд?

Аксарияти ҳуҷҷатҳои дар поён зикршуда, вобаста аз маҳсулот, барои ҳар як гур=ҳи мол, ки ба Иттиҳоди Аврупо ворид мегардад, зарур аст. Ҳуҷҷатҳои мушаххасе, ки барои молҳои муайян заруранд, дар талаботҳои умумӣ ва махсус номбар шудаанд, боби 2.1.4. зерро нигоҳ кунед:

http://exporthelp.europa.eu/thdapp/display.htm?page=rt%2frt_GeneralRequirements.html&docType=main&languageId=ru&status=PROD




### 2.7.1. Ҳисобнома-фактураи тиҷоратӣ

Ҳисобнома-фактураи тичоратӣ, ки содиркунанда пешниҳод мекунад, дар худ маълумоти асосӣ оид ба муомилот байни содиркунанда ва воридгарро дорад ва он ҳамавақт ҳангоми тархиси (тозакунии) гумрукӣ зарур аст.

- Бо забони англисӣ
- Ҳеҷ якшаклу қолаби муайян (формат) талаб карда намешавад
- Ҳама вақт нусхаи асл ва ақаллан 1 нусхабардоришуда
- Ақаллан маълумотҳои зеринро дар бар мегирад (шаклу қолаби муайяне нест):
  - Маълумот дар бораи содиркунанда ва воридгар (ном ва суроға)
  - Санаи пешниҳод кардани ҳисобнома (счёт)
  - Рақами ҳисоб (счёт)
  - Тавсифи мол (ном, сифат ва ғайра)
  - Воҳиди ченак (адад, кг ва ҳоказо)
  - Шумораи мол
  - Нархи 1 воҳиди мол бо доллари ИМА ё Евро
  - Нархи умумии ҳар як мол бо доллари ИМА ё Евро
  - Маблағи умумии ҳисоб ва асъори пардохт
  - Шартҳои пардохт (сана ва усули пардохт, тахфиф в ҳ.)
  - Шартҳои дастраснамоӣ мутобиқи Инкотермс
  - Бо кадом намуди нақлиёт боркашӣ шудааст
  - Мушаххасоти ягонаи воридкунанда (РМА (ИНН)/ рамзи андоз)

2.7.2. **Ҳуҷҷатҳои бор (ҳуҷҷатҳои нақлиётӣ)**

Вобаста ба нақлиёти истифода бурдашаванда, ҳангоми ворид сохтани бор, ҳуҷҷатҳои зерин омода карда шавад ва бояд тозакунии гумрукиро гузарад, онро ба идораи гумрукии кишвари воридгар- узви Иттиҳоди Аврупо пешкаш менамоянд:

- Борхати нақлиётӣ
- Борхати нақлиётии FIATA (Федератсияи байналмиллалии асотсиятсияҳои интиқолдиҳандагони бор)
- Борхати нақлиёти автомобилӣ (КДПГ)
- Борхати нақлиёти ҳавоӣ (AWB)
- Борхати нақлиёти роҳи оҳан (CIM)
- Карнет АТА (иҷозатномаи гумрукӣ барои убури автомашина аз хати сарҳад)
- Карнет TIR (боркашии автомобилии байналмиллалӣ)

**Борхати нақлиётӣ**

Борхати нақлиётӣ ҳуҷҷатест, ки аз ҷониби ширкати нақлиёти ба боркашони бевосита дода мешавад ва = дар навбати худ тасдиқ менамояд, ки мол ба нақлиёт бор карда шудааст. Ҳамин тариқ **борхати нақлиётӣ гирифтани борро аз ҷониби боркашон тасдиқ** мекунад, ва = =ҳдадор мешавад, ки борро ба гирандаи бор дастрас намояд. Дар он маълумоти пурра оиди бор, киштӣ ва бандари таъиншуда сабт шудааст. Ин **ҳуҷҷат дар бораи баста шудани шартнома оиди нақлу ҳамл шаҳодат дода**, ҳуқуқи моликии борро ба боркашон медиҳад ва тасдиқ менамояд, ки дорандаи ҳуҷҷати Борхати Нақлиётӣ соҳиби бор мебошад.

**Борхати нақлиётии** FIATA

Борхати нақлиётии FIATA ин ҳуҷҷатест, ки аз ҷониби Федератсияи байналмиллалии асотсиятсияҳои интиқолдиҳандагони бор, бо ҳолати шартномавӣ таҳия шуда, онро ба сифати ҳуҷҷати нақлиётии мултимодалӣ ё омехта истифода бурдан пешбинӣ шудааст.

**Борхати нақлиёти автомобилӣ (КДПГ)**

Борхати нақлиёти автомобилӣ- ҳуҷҷатест, ки ҳамаи ҷузъҳои ҳамлу нақли байналхалқиро тавассути нақлиёти автомобилӣ, ки аз ҷониби Созишнома оиди шартномаи ҳамлу нақли роҳии бор аз соли 1956 (Созишномаи ДПГ) қабул шудааст, тавсиф мекунад. Ин ҳуҷҷат ба содиркунанда имкон медиҳад, ки ҳангоми ҳамлу нақл бор дар ихтиёраш бошад. Борхати автомобилӣ дар чаҳор нусха пур карда шуда, фиристонанда ва гиранда дар он имзои худро мегузоранд. Нусхаи аввал барои фиристонандаи бор пешбинӣ шудааст, дуввумаш барои боркашон, нусхаи сеюм борро ҳамроҳӣ намуда ба гиранда супорида мешавад, чорумаш бошад бо имзо ва м=ҳри шахси боргиранда ба шахси бор фиристода баргардонида мешавад. Одатан, чунин Борхат ба ҳар як воситаи нақлиётӣ алоҳида пур карда мешавад.

**Борхати ҳавоӣ** (AWB)

Борхати ҳавоӣ- ҳуҷҷатест, ки баста шудани шартномаи ҳамлу нақли байни ирсолкунандаи бор ва ширкати боркашонро тасдиқ мекунад. Вай аз ҷониби агенти ширкати боркашон дода шуда, зери эътибори *Созишномаи Варшава* қарор мегирад. Як борхати ҳавоиро барои якчанд маротиба интиқоли бор истифода бурдан мумкин аст. Ин ҳуҷҷат аз се нусхаи асл ва якчанд нусхаҳои иловагӣ иборат аст. Ба ҳар як тарафи дар

ҳамлу нақл иштироккунанда (фиристонанда, гиранда ва боркашон) як нусхаи асл дода мешавад. Нусхаҳоро бошанд, дар фурудгоҳи фиристонанда/ қабулкунанда дар баъзе ҳолатҳо барои интиқолдиҳандагониояндаи бор зарур аст. Борхати ҳавоӣ ҳуҷҷати нақлиётиест, ки шартномаи оиди кашонидан ва грифтани борро тасдиқ мекунад.

Ҳамаи боркашонон мувофиқи стандартҳои ягонаи борхати ҳавоӣ, ки аз ҷониби *Асотсиатсияи Байналхалқии нақлиёти* ҳавоӣ қабул шудааст, амал менамояд (IATA), ки он формати ягонаи Борхати Стандартии ҳавоии IATA номида мешавад. Вай шартҳои стандартии муқаррароти Созишномаи Варшаваро дар бар мегирад.

**Борхати нақлиётии роҳи оҳан** (CIM)

Борхати нақлиётии роҳи оҳан- ҳуҷҷати заруриест барои ҳамлу нақли бор тавассути роҳи оҳан. CIM-ро боркашон дар панҷ нусха медиҳад. Нусхаи асл борро ҳамроҳӣ мекунад, дубликати нусхаи аслро фиристонандаи бор гирифта, се нусхаи боқимондаро боркашон бо мақсадҳои дохилӣ истифода мебарад. Ин ҳуҷҷат, шартнома барои кашонидани бор тавассути роҳи оҳан ба шумор меравад.

**Карнет** TIR

Карнет TIR- ин ҳуҷҷати транзитии гумрукист ва барои ҳамлу нақли байналхалқӣ, ки як қисми роҳ тавассути нақлиёти автомобилӣ тай мешавад, истифода бурда мешавад. Системаи TIR талаб менамояд, ки бор аз р=и мавҷуд будани кафолатҳои маъмули байналхалқӣ, бо пардохт намудани ҳама гуна андоз ва боҷпулиҳои ҳангоми кашонидани бор пайдо мешуда, дар мошинҳои п=шида ё зарфҳои махсус кашонида шавад. Инчунин борро бояд карнети TIR ҳамроҳӣ намояд, чораҳои назорати гумрукии кишвари содиркунанда бояд аз ҷониби ҳамаи кишварҳои транзит ва кишвари таъиншуда қабул карда шаванд.

2.7.3. **Варақаи банду басти бор**

Варақаи банду басти бор– ин ҳуҷҷати тиҷоратиест, ки ҳисобнома – фактураи тиҷоратӣ ва ҳуҷҷатҳои нақлиётиро ҳамроҳӣ мекунад. Дар он маълумоти пурра оид ба моли воридшаванда ва борбанди ҳар як гур=ҳи мол оварда шудааст (вазн, андоза, зарурияти муомилаи чос бо бор ва ғайра).

Варақаи банду басти бор, ҳамчун р=йхати номг=и бор барои тозакунии гумрукӣ зарур аст.

- Бо забони англисӣ ақаллан маълумоти зеринро дошта бошад (дар шакли озод):
  - Маълумот оид ба содиркунанда, воридгар ва ширкати нақлиётӣ
  - Санаи тартиб додани ҳуҷҷат
  - Рақами ҳисоби (счёт) кироплӣ
  - Намуди борбандӣ (духул, қуттиҳои тахтагӣ, қуттиҳои картонӣ, қуттӣ, чалак, халта ва ғайра)
  - Шумораи борбандҳо
  - Номи маҳсулоти борбандшуда (тавсифи маҳсулот ва шумораи воҳидӣ/ коғазпеч)
  - Тамғазании нақлиётӣ (номи боргиранда ё макони фуруд, рақами ҷойҳои боркунӣ)
  - Вазни холис ва ғайрихолис (нетто ва брутто)

### 2.7.4. Суғуртаи бор

Суғуртакунӣ - шартномаест, ки мувофиқи он, дар натиҷаи зери хавф монда нуқсондор шудани бор, дар ҳолатҳое, ки дар полиси суғуртавӣ омадааст, суғуртакунанда ҷавобгарии моддӣ намебарад. Ҳангоми ҳамлу нақли бор суғуртаи он ниҳоят муҳим аст, зеро ба онҳо на танҳо хавфҳои оддии бо боркашонӣ, нигоҳдорӣ ва боркунӣ вобаста таҳдид мекунанд, инчунин таҳдиди бетартибиҳои умумӣ, корпарттоиҳо ва терроризм низ ҳаст.

Байни суғуртаи мол ҳангоми ҳамлу нақл ва суғуртаи масъулияти боркашон фарқ ҳаст. Хавфҳои пардохтшаванда, ҳаҷми ҷуброн ва аз баъзе масъулият озод будан аз р=и шартномаи кашонидани бор ба интихоби суғуртакунонанда гузошта мешавад.

Ҳисоб (счёт) ба суғурта барои тозакунии гумрукӣ зарур аст, агар маълумотҳои лозима дар ҳисобнома - фактураи тиҷоратӣ, бо нишондоди ҳаҷми пардохти суғуртавии барои бор пардохтшуда, нишон дода нашуда бошад.

Масъулияти стандартии боркашон дар созишномаҳои байналхалқии зерин оварда шудаанд:

**Ҳамлу нақл тавассути нақлиёти атомобилӣ**

Ҳамлу нақл тавассути нақлиёти атомобилӣ мувофиқи Созишнома оид ба ҳамлу нақли бор бо роҳҳои автомобилгард амалӣ мешавад (Созишномаи КДПГ).

Мутобиқи муқаррароти ин Созишнома боркашон барои гум ё нуқсондор шудани бор ҷавобгар намешавад, агар вай исбот карда тавонад, ки он бо сабабҳои зерин р=й додааст:

- Нуқсони худи бор
- Ҳолатҳои форс-маҷорӣ
- Бо айби боркунанда ё боргиранда

Дар Иттиҳоди Аврупо қоидаҳои озод намудан аз ҷавобгарӣ, ҳангоми ҳамлу нақли автомобилӣ вуҷуд надоранд.

### 2.7.5. Тасдиқи макони пайдоиш

Ҳуҷҷати мазкур дар он ҳолат лозим аст, ки агар ба бор имтиёзҳои гумрукӣ (преференсия) ҷорӣ бошад. Бо тасдиқи макони пайдоиш боҷпулии гумрукиро, аксар то 0% паст кардан мумкин.

Ҳуҷҷати стандартие, ки макони пайдоиши борҳои ба Иттиҳоди Аврупо воридшавандаро тасдиқ мекунад - сертификати пайдоиш (Форма А) мебошад.

Ба истиснои баъзе маҳдудиятҳо, ба сифати ҳуҷҷати тасдиқкунандаи макони пайдоиш, эъломияи нархномаи гумрукиро, агар нархи умумии бор на зиёда аз 6000 Евро бошад, истифода бурдан мумкин аст.

М=ҳлати амали ҳуҷҷат – 10 моҳ.

#### 2.7.5.1. Эъломияи нархномаи гумрукӣ

Ба ҳисобнома – фактури тиҷоратӣ бояд ин матн ворид карда шавад: «Содироткунандаи маҳсулоти бо ин ҳуҷҷат фаро гирифта шуда, арз менамояд, ки агар аниқу равшан муқаррароти дигар гуфта нашуда бошад, маҳсулоти зерин, мутобиқи қоидаҳои пайдоиши Системаи Умумии Имтиёзҳои Иттиҳоди Аврупо, пайдоиши имтиёзнок аз Тоҷикистон ва Қирғизистон доранд».

2.7.5.2. **Формаи А**

о Аз ҷониби содироткунанда дода шуда, бояд м=ҳри мақомоти давлатии Тоҷикистону Қирғизистонро дошта бошад

| 1. Goods consigned from (exporter's business name, address, country) | Reference No A0044901<br>**GENERALIZED SYSTEM OF PREFERENCES**<br>**CERTIFICATE OF ORIGIN**<br>**(Combined declaration and certificate)**<br>**FORM A**<br>Issued in ..................................................<br>(country)<br>See notes overleaf |
|---|---|
| 2. Goods consigned to (consignee's name, address, country) | |
| 3. Means of transport and route (as far as known) | 4. For official use |

| 5. Item number | 6. Marks and numbers of packages | 7. Number and kind of packages, description of goods | 8. Origin criterion (see notes overleaf) | 9. Gross weight or other quantity | 10. Number and date of invoices |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |

| **11. Certification**<br>It is hereby certified, on the basis of control carried out, that the declaration by the exporter is correct.<br><br>..................................................<br>Place and date, signature and stamp of certifying authority | **12. Declaration by the exporter**<br>The undersigned hereby declares that the above details and statements are correct; that all the goods were produced in<br>..................................................<br>(country)<br>and that they comply with the origin requirements specified for those goods in the generalized system of preferences for goods exported to<br>..................................................<br>(importing country)<br>..................................................<br>Place and date, signature of authorized signatory |
|---|---|

2.7.6. **Сертификати пайдоиш**

- Танҳо барои маҳсулоти ҷудогона, ба монанди маҳсулоти саноати бофандагӣ ва сару либос, зарур аст.
- Барои маҳсулоти шумо сертификати пайдоиш зарур аст ё не, нигаред ба боби 2.1.4.
- Аз ҷониби содироткунанда дода мешавад ва бояд бо м=ҳри мақомоти давлатии Тоҷикистону Қирғизистон тасдиқ шуда бошад.

Original

| | | |
|---|---|---|
| CERTIFICATE OF ORIGIN<br>Issued by ____________ | 3. No & Date of invoice | 4.Ref No<br>**B 0022401** |
| 1. Buyer<br><br>2. Consignee (*if other than buyer*) | 5. Country of Origin | 6. Country of Destination |
| | 7.Remarks | |
| 8. Means of Transport and Route<br>10.Shipped per 11. On or about<br>12. From 13. Via<br>14. To | 9.Terms of payment | |
| 15. Marks and Numbers | 16. Number and Kind of Packages: Description of goods | 17. Quantity |
| 18. Declaration by the Exporter<br>The undersigned, duly authorized by the company, swears that the above mentioned goods have been produced or manufactured in the country shown in the above column "country or origin".<br><br>Place and Date : ____________ | 19. Certification<br>The undersigned Authority hereby certifies, on the basis of relative invoice and other supporting documents, that the above mentioned goods originate in the country shown in the column "country of origin" to the best of its knowledge and belief. | |
| Name and Signature of the Exporter | No.Date, Signature and Stamp of Certifying Authority | |

2.7.7. **Иҷозатнома ба воридкунӣ**

- Барои маҳсулоти ҷудогонаи х=рокворӣ лозим мебошад
- Оё барои маҳсулоти шумо иҷозатнома лозим? ниг. ба боби 2.1.4.
- Иҷозатномаро мақомоти салоҳиятдори Иттиҳоди Аврупо медиҳанд
- Литсензия дар давоми м=ҳлати муқарраршуда амал мекунад. Барои гирифтани иҷозатнома, бояд ариза навишта, баробари он маблағи кафолатӣ пардохт намуд. Вақте ки ҳамаи талаботҳои дар иҷозатнома буда иҷро мегарданд, маблағи кафолатӣ баргардонида мешавад.

Original

| | | |
|---|---|---|
| CERTIFICATE OF ORIGIN<br>Issued by ______ | 3. No & Date of invoice | 4.Ref No<br>B 0022401 |
| 1. Buyer | 5. Country of Origin | 6. Country of Destination |
| 2. Consignee (*if other than buyer*) | 7.Remarks | |
| 8. Means of Transport and Route<br>10.Shipped per 11. On or about<br>12. From 13. Via<br>14. To | 9.Terms of payment | |
| 15. Marks and Numbers | 16. Number and Kind of Packages: Description of goods | 17. Quantity |
| 18. Declaration by the Exporter<br>The undersigned, duly authorized by the company, swears that the above mentioned goods have been produced or manufactured in the country shown in the above column "country or origin".<br>Place and Date : ______ | 19. Certification<br>The undersigned Authority hereby certifies, on the basis of relative invoice and other supporting documents, that the above mentioned goods originate in the country shown in the column "country of origin" to the best of its knowledge and belief. | |
| Name and Signature of the Exporter | No.Date, Signature and Stamp of Certifying Authority | |

2.7.8. **Ариза ба тарофаи ҳиссаи воридотӣ (квота)**

Маълумоти пурраро нигаред дар боби 1.6.5

2.7.9. **Ҳуҷҷат оид ба назорати ҷамъиятӣ**

- Асосан барои маҳсулоти арзон, ки ба миқдори зиёд ворид мешаванд, барои ҳимояи соҳибкории хурду миёна дар Аврупо, ҷорӣ карда шудааст. Масалан, пойафзол аз Хитой ва ғайра, ё барои маҳсулоте, ки ба саломатии инсон таъсир мерасонад (гриппи инсон ва ё ҳайвонот…)
- Ба баъзе аз маҳсулоти аз Тоҷикистону Қирғизистон содиршаванда низ дахл дорад, масалан, ба пойафзол ва ғайра
- Аз р=и рақами тарофавӣ метавонед фаҳмед, ки он ба моли шумо дахл дорад ё не, ниг. боби 2.1.3.
- Маълумотҳои зеринро пешниҳод кардан лозим:
  - Аризадиҳанда (ном, суроғаи пурра, кишвар)
  - Содироткунанда (ном, суроға, кишвар)
  - Мақомоти салоҳиятноки ба Иттиҳоди Аврупо ҳуҷҷатдиҳанда (ном ва суроға)
  - Муҳлати ба итмом расидани коршоямӣ (одатан 6 моҳ)
  - Кишвари таъинот
  - Макон ва санаи тахминии воридшавӣ
  - Истинод ба қоидаҳои Иттиҳоди Аврупо, ки назорати ҷамъиятиро талаб мекунад
  - Тавсифи мол, тамғазании нақлиётӣ, шумора ва намуди ҷои бор
  - Рамзи мол (CNTarik код)
  - Вазни холис ва ғайрихолис (нетто ва брутто)(кг)
  - Арзиш бо шарти CIF сарҳади Иттиҳоди Аврупо, дар ЭКЮ
  - Тасдиқномаи аризадиҳанда: «Ман, дар зер имзокунанда, тасдиқ менамоям, ки маълумоти дар ариза овардашуда дуруст ва бовиҷдонона пешкаш шудааст»
  - Имзо ва м=ҳри мақомоти босалоҳият

2.7.10. **Сертификатҳои тафтишотӣ (сертификати санитарӣ, ветеринарӣ, фитосанитарӣ)**

- Маълумоти муфассал дар боби 1.6.3.

2.7.11. **Сертификат дар бораи тамиз**

- Пеш аз фиристодани бор, баъзе маҳсулот ва борбандҳои тахтагиро тамиз кардан зарур.
- Агар тахта қаблан коркард (бо гармӣ) шуда бошад, ҳоҷати тамиз карданро надорад
- То тозакунии гумрукӣ ҳама гуна газҳои барои тамиз истифодашуда бояд 100% пок шаванд, вагарна дар тозакунӣ рад карда мешавад.

# 3. Ҳамлу нақл аз Тоҷикистон ба Аврупо

Аксарияти борҳо аз Тоҷикистон ба Аврупо тавассути нақлиёти автомобилӣ бурда мешавад. Ҳамлу нақл ба Вена бо роҳи зерин мегузарад: Хуҷанд (Тоҷикистон) – Бухоро (+збекистон)- Қароқалпоқистон- Бейнеу (Қазоқистон)- Астархан (Россия)- Волгоград-Смоленск - Минск (Белорусия) - Брест- Варшава (Лаҳистон)- Вена (Австрия)

## 3.1. Арзиши боркашонӣ ва тозакунии гумрукӣ чанд аст?

**Масалан**, 20 **тонна** бор аз Хуҷанд ба Вена бо карнети TIR 10 400 **евро**

Ин баҳои тақрибӣ аз Асотсиатсияи Боркашонони Байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 3.2. Кадом роҳҳои боркашониро ташкил кардан мумкин?

### 3.2.1. INCOTERMS чист?

Одатан ҳангоми ҳамлу нақли борҳо, шартҳои INCOTERMS- ҳолатҳои стандартии боркашонӣ, истифода бурда мешаванд. Онҳо вақт ва макони гузариши масъулият ва хавфи бори кашондашавандаро муқаррар мекунанд. Инчунин, онҳо =ҳдадориҳои харидор ва фур=шандаро аз р=и боркунӣ, борфарорӣ, кашонидани бор, суғурта, тозакунии гумрукӣ ва ғайра муқаррар мегардонанд.

### 3.2.2. Кадом шартҳои INCOTERMS бештар истифода бурда мешаванд?

- FOB (франко-борт): масалан, FOB X
  - Фур=шанда хароҷот ва хавфи борро то бандари X пардохт карда, арзиши боркунӣ ба киштиро, ки харидор нишон додааст, пардохт менамояд.
  - Хароҷот ва хавфи боқимондаро нисбат ба кашонидани бор харидор пардохт мекунад (боркашӣ бо роҳи баҳрӣ, суғурта, борфарорӣ ва ғайра)
- FCA Масалан, FCAY
  - Фур=шанда хароҷот ва хавфи кашонидани борро то истгоҳи роҳи оҳани У пардохт карда, арзиши боркуниро ба қатора, ки харидор нишон додааст, пардохт менамояд.
  - Хароҷот ва хавфи боқимондаи кашонидани борро харидор пардохт мекунад (ҳамлу нақл бо роҳи оҳан, бо роҳи баҳрӣ, суғурта, борфарорӣ ва ғ.)
- CIF (арзиш, суғурта, киро): Масалан, CIF Гамбург
  - Фур=шанда хароҷот, хавфи боркунӣ ва ҳамлу нақли борро то бандари таъиншуда (Гамбург), инчунин суғуртаи кироро пардохт менамояд.
  - Харидор сарфу харҷ ва хавфи борфарорӣ, тозакунии гумрукӣ ва ҳамлу нақли автомобилиро то манзили таъинот (Гамбург) пардохт менамояд; харидор инчунин, ҳамаи хавфи нақлро ҳавассути роҳи баҳрӣ пардохт менамояд.

# 4. Тозакунии гумрукӣ

## 4.1. Тартиби гузаронидани тозакунии гумрукӣ чӣ хел аст?

Рафти тозакунии гумрукӣ дар ҳама кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ягона аст.

### 4.1.1. Дар куҷо ман метавонам аз тозакунии гумрукӣ гузарам?

- Дар ҳамаи нуқтаҳои гумрукии Аврупо
- Аз назари пардохти ААИ, тозакунии гумрукиро дар кишвари ширкати воридгар ба қайд гирфташуда гузаронидан беҳтар аст.

### 4.1.2. Бақайдгирӣ/ эъломияи гумрукии борро чӣ гуна гузаронидан мумкин?

**Эъломияи воридотии гумрукӣ** (SAD)

- Аз тарафи воридкунанда ва ё ширкати нақлиётӣ гузаронида шуданаш мумкин
- Аз 1-уми майи соли 2006 имкони бақайдгирии электронӣ пайдо шудааст
- Беҳтараш бо забони англисӣ, вале бо дигар забони расмии кишвари Иттиҳои Аврупо низ мумкин
- Маълумотҳои зеринро пешниҳод кардан лозим:
  - **Маълумот дар бораи иштирокчиёни** амалиёт (воридгар, содиркунанда, намояндагон ва ғ.)
  - **Реҷаи гумрукӣ** (баровардан ба муомилоти озод, баровардан барои истеъмолкунанда, муваққатан даровардан, транзит ва ғ.)
  - **Маълумоти мушаххаси мол** (рамзи Taric, вазн, воҳид), ҷойгиршавӣ ва банду баст
  - Иттилоот оид ба **нақлиёти боркашонӣ**
  - Маълумот оид ба **кишвари пайдоиш**, **кишвари содиркунанда** ва **кишвари воридгар**
  - **Иттилооти молиявӣ ва тиҷоратӣ** (INCOTERMS, маблағи ҳисоб, асъори ҳисоб, қурби ивази асъор, суғурта ва ғ.)
  - **Р=йхати ҳуҷҷатҳои бо бақайдгирӣ алоқаманд** (сертификатҳо, ҳуҷҷат оид ба пайдоиш, ҳуҷҷати нақлиётӣ, ҳисобнома - фактураи тиҷоратӣ ва ғ.)
  - **Эъломия** ва усули пардохти **андоз ба воридот** (боҷпулии гумрукӣ, ААИ ва ғ.)

Маҷм=и SAD аз 8 нусха иборат буда, вобаста аз шакли амалиёт, мутахассиси масъул як қисм ва ё ҳамаи онро пур мекунад. Ҳангоми воридот, одатан, се нусха истифода мешавад: яке дар дасти ҳукумати кишвари Иттиҳоди Аврупо мемонад, ки дар он ҳангоми ворид шудани мол ба расмият дароварда мешавад, нусхаи дуввум барои мақсадҳои омории кишвари таъиншудаи Иттиҳоди Аврупо истифода мешавад, нусхаи сеюм, пас аз мондани м=ҳри мақомоти гумрукӣ ба боргиранда баргардонида мешавад.


EUROPEAN COMMUNITY

8 — Copy for the consignee — 8

A OFFICE OF DESTINATION

1 DECLARATION

2 Consignor/*Exporter* No

3 Forms | 4 Loading lists

5 Items | 6 Total packages | 7 Reference number

8 Consignee No

9 Person responsible for financial settlement No

10 *Country last consigned* | 11 *Trad./Prod. country* | 12 *Value details* | 13 *CAP*

14 Declarant/Representative No

15 Country of dispatch/*export* | 15 C disp./*exp.* Code a b | 17 Country destin. Code a b

16 Country of origin | 17 Country of destination

18 Identity and nationality of means of transport on arrival | 19 Ctr | 20 Delivery terms

21 Identity and nationality of active means of transport crossing the border | 22 Currency and total amount invoiced | 23 Exchange rate | 24 Nature of transaction

25 Mode of transport at the border | 26 Inland mode of transport | 27 Place of unloading | 28 Financial and banking data

29 Office of entry | 30 Location of goods

31 Packages and description of goods | Marks and numbers — Container No(s) — Number and kind | 32 Item No | 33 Commodity Code

34 Country origin Code a b | 35 Gross mass (kg) | 36 *Preference*

37 PROCEDURE | 38 Net mass (kg) | 39 *Quota*

40 Summary declaration/Previous document

41 Supplementary units | 42 *Item price* | 43 *VM Code*

44 Additional information/Documents produced/Certificates and authorisations | A.I. Code | 45 *Adjustment*

46 Statistical value

47 Calculation of taxes | Type | Tax base | Rate | Amount | MP | Total:

48 Deferred payment | 49 Identification of warehouse

B ACCOUNTING DETAILS

50 Principal No | Signature: | C OFFICE OF DEPARTURE

represented by

Place and date:

51 Intended offices of transit (and country)

52 Guarantee not valid for | Code | 53 Office of destination (and country)

J CONTROL BY OFFICE OF DESTINATION | 54 Place and date:

Signature and name of declarant/representative

**Ҳуҷҷатҳои бо SAD алоқаманд:**

Вобаста аз хусусияти амалиёт ва моли даровардашаванда, баробари SAD боз пешниҳоди эъломия ва ҳуҷҷатҳои иловагӣ талаб шуданаш мумкин. Муҳимтарини онҳо:

- Ҳуҷҷати **тасдиқкунандаи пайдоиши мол**, одатан барои истифодаи тарофаҳои имтиёздор лозим аст
  - § Масалан, **форма А** (ҳуҷҷат оид ба пайдоиш) ё **эъломияи ҳисоб** (счёт): барои истифодаи тарофаҳои имтиёздор лозим, батафсил дар боби 2.7.5.
  - § **Сертификати пайдоиш**: агар лозим бошад; батафсил дар боби 2.7.6.
  - § **Сертификати мутобиқат**: агар лозим бошад
- **Сертификати тасдиқкунандаи** хусусуияти хос доштани маҳсулот
- **Ҳуҷҷати нақлиёт**
- **Ҳисобнома - фактураи тиҷоратӣ**: батафсил дар боби 2.7.1.
- **Эъломияи арзиши гумрукӣ**: асос барои ҳисобкунии боҷпулӣ мебошад; агар арзиши маҳсулот аз 10 000 Евро кам бошад, лозим нест. Формаи истифодашаванда: DV1
- **Сертификати тафтишот** (сертификати санитарӣ, ветеринарӣ ва фитосанитарӣ): агар лозим бошад батафсил дар боби 1.6.3. Сертификат оид ба тамизкунӣ: агар лозим бошад; батафсил дар боби 2.7.11.
- **Иҷозатномаи воридот**: барои молҳои алоҳида, ба амсоли парранда, тухм, маҳсулоти саноати бофандагӣ, молҳои фармасевтӣ ва ғ. – асосан, барои молҳои бо имтиёзҳо ё назорат вобаста лозим; батафсил дар боби 2.7.7.
- **Ҳуҷҷат оид ба назорати ҷамъиятӣ**: агар лозим бошад; батафсил дар боби 2.7.9.
- **Сертификати CITES**: агар лозим бошад; батафсил дар боби 1.6.7.
- **Ҳуҷҷатҳое, ки ба кор бурдани квотаҳои тарофавиро тасдиқ мекунанд**. Сертификат ба квота: агар лозим бошад; батафсил дар боби 1.6.5.. Ҳуҷҷатҳое, ки ба кор бурдани квотаҳои тарофавиро тасдиқ мекунанд: агар лозим бошанд.
- **Ҳуҷҷатҳое, ки барои мақсадҳои пардохти аксизӣ лозим ҳастанд**: масалан, барои н=шокиҳои спиртӣ, тамоку ва ғ.
- **Ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи озод будан аз пардохти ААИ**

### 4.1.3. **Боҷи гумрукӣ чӣ тавр ҳисоб карда мешавад?**

Ҳисобнома – фактура ҳамчун асос барои ҳисоб кардани боҷпулии гумрукӣ хизмат мекунад.

Боҷи гумрукӣ ҳисоб карда мешавад аз **арзиши гумрукии**:

Арзиши мол, ки дар ҳисобнома–фактура нишон дода шудааст

\+ арзиши ҳамлу нақл то сарҳади Иттиҳоди Аврупо

\+ арзиши суғурта

### 4.1.4. **Бо кадом меъёр андоз аз арзиши илова (ААИ) пардохт карда мешавад?**

- ААИ-ро воридгар пардохт менамояд, аммо, одатан дертар онро аз нозироти андоз бар мегардонида метавонад
- Аз 0 то 25% дар Аврупо: р=йхати муфассал дар боби 1.1. оварда шудааст
- Дар Австрия: 10% ААИ бари маҳсулоти х=рока
- Асос барои ҳисоб кардани ААИ - арзиши гумрукӣ + боҷи гумрукӣ

### 4.2.Тозакунии гумрукӣ чӣ қадар вақтро мегирад?

Тозакунии гумрукӣ аз як соат то якчанд рӯзро мегирад (агар таснифоти маҳсулот номаълум ё на ҳамаи ҳуҷҷатҳо пур карда шуда бошанд).

## 5. Дигар истинодҳои муфид

Истинод ба ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои касбии кишварҳои Иттиҳоди Аврупо:

http://exporthelp.europa.eu/thdapp/display.htm?page=lk/lk_Links.html&doctype=main&languageId=ru

Иттилоот оиди гумрук дар Аврупо:

http://ec.europa.eu/taxation_customs/customs/index_en.htm
http://ec.europa.eu/taxation_customs/common/links/customs/index_en.htm

Маълумоти иловагӣ оиди бозорҳои Аврупо ва воридот:

http://www.cbi.eu/?pag=1

**WIFI**–Институти ҳамкории Итқисодӣ дар Палатаи Тиҷоратии Австрия

Austrian Development Cooperation

Лоиҳа бо кумаки молии Ожонси Австрияви оид ба рушд – **ADA** амал мегардад